# Коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон
«Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»
аз 26 июли соли 2014, № 1084

**Моддаи 33. Салоҳияти коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои гражданини Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои граждании Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- ба сифати суди марҳилаи якум парвандаҳои гражданиро баррасӣ мекунад ва иҷрои санадҳои судии қабулгардидаро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон назорат менамояд;
- ба тариқи кассатсионӣ ва назоратӣ парвандаҳои гражданиро баррасӣ менамояд, қонунӣ ва асоснокии санадҳои судиро тафтиш мекунад;
- аризаи тарафҳо, прокурор, шахсони дигари иштирокчии парвандаро дар бораи вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамудае, ки коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ дар марҳилаи якум баровардааст, инчунин қарорҳои марҳилаҳои кассатсионӣ ё назоратиро, ки мутобиқи онҳо ҳалномаи суди марҳилаи якум тағйир дода шудааст ё қарори нав қабул гардидааст, баррасӣ мекунад;
- таҷрибаи судиро ҷамъбаст, омори судиро таҳлил мекунад ва аз натиҷаи онҳо ба мақомоти дахлдор пешниҳод ирсол менамояд;
- ваколатҳои дигареро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, амалӣ менамояд.